ҚОНУНИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДАР БОРАИ ИТТИЛООТ

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №4, қ- 2, мод. 320; Қонуи ҶТ аз 03.07.2012с., №848)

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии фаъолияти иттилоотӣ, мақсад, вазифа,принсип, субъект ва объектҳои муносибатҳои иттилоотиро ба танзим дароварда, сиёсати давлатии иттилоотиро дар ҷомеъа муқарар менамояд. (ҚҶТ аз 03.07.2012с., №848)

БОБИ 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни мазкур истифода мегаванд:

-иттилоот - маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо;

-фаъолияти иттилоотӣ - маҷмӯи амалиётест, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иттилоотии субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ равона гардидааст;

-соҳаҳои иттилоотӣ - маҷмӯи маълумоти эълоншуда оид ба соҳаҳои нисбатан мустақили ҳаёту фаъолияти ҷомеа ва давлат;

-иттилооти омории давлатӣ- иттилооти ҳуҷҷатии расмии давлатиест, ки ба воқеаҳо ва падидаҳои дар иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг ва дигар соҳаҳои ҳаёти Ҷумҳурии Тоҷикистон рухдода тавсифоти миқдорӣ медиҳад;

-иттилооти оммавӣ - иттилоотест, ки ба таври оммавӣ тавассути нашрияҳо, воситаҳои сабти овоз ва видео паҳн карда мешавад;

-иттилооти ҳуқуқи - маҷмӯи маълумоти ҳуҷҷатӣ ё ба таври оммавӣ эълоншуда оид ба ҳуқуқ, системам он, манбаъҳои татбиқ ва далелҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, вайрон кардани ҳуқуқ ва муборизо бо он, пешгирии қонуншиканӣ ва ғайра;

-иттилоот оид ба шахсият - маҷмӯи маълумоти ҳуҷҷатӣ ё ба таври оммавӣ эълоншуда оид ба шахсият;

-иттилооти дорои хусусияти маълумотию энсиклопедӣ -маълумоти муназзам, ҳуҷҷатӣ ё маълумоти ба таври оммавӣ эълоншуда дар бораи ҳаёти ҷамъиятӣ, давлатӣ ва муҳити табиии зист;

-иттилооти ҳуҷҷатикунонида (аснод) - иттилооти дар манбаи моддии иттилоот қайдшуда бо **маълумотҳое** (**реквизитҳое**), ки барои ҳаммонандкунии он имкон медиҳанд;

-иттилооти мақомоти системаҳои давлатии идоракунӣ - иттилооти расмии ҳуҷҷатӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти ҷории ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, судӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ташкил карда мешавад;

-иттилооти иҷтимоишиносӣ - маълумоти сотсиалогии ҳуҷҷатӣ ё ба таври оммавӣ эълоншуда оид ба муносибатҳои шаҳрвандони алоҳида ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ нисбат ба воқеа ва рӯйдодҳои ҷамъиятӣ, ҷараёнҳо ва далелҳо;

-иттилоот дар бораи шаҳрвандон (маълумоти шахсӣ) - маълумот дар бораи далелҳо, воқеаҳо ва ҳолатҳои зиндагии шаҳрванд, ки ба ҳаммонандкунии шахсияти ӯ имкон медиҳад;

-иттилооти махфӣ - иттилооти дорои сирри давлатӣ, ки мувофиқи «Номгӯи маълумотҳои дорои сирри давлатӣ» ташкил ёфта, ошкор намудани он метавонад ба амнияти давлат зарар оварад;

-иттилооти пинҳонӣ (конфиденсиалӣ) - маълумот дар соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдории шахсони алоҳидаи воқеӣ ё ҳуқуқӣ қарордошта, ки метавонанд бо хоҳиши молик ба таркиби маълумоти давлатӣ дохил карда шаванд;

-санади ибтидоӣ - санадест, ки иттилооти аввалияро дар бар мегирад;

-Санади дуюмдараҷа - санадест, ки натиҷаҳои коркарди таҳлилӣ ё коркарди як ё якчанд манбаи дигари иттилоотиро дар бар мегирад;

-ҷараёни иттилоотӣ - ҷараёни ҷамъоварӣ, коркард, захиракунонӣ, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва паҳн намудани иттилоот;

-системаи иттилоотӣ - маҷмӯи асноди аз нигоҳи ташкилӣ танзимшуда, ҳаҷми аснод ва технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла бо истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарор ва алоқа, ки ҷараёни иттилоотиро татбиқ месозанд;

-захираҳои иттилоотӣ - асноди алоҳида, ҳаҷми ҷудогонаи аснод ва ҳаҷми аснод дар системаҳои иттилоотӣ (китобхонаҳо, бойгониҳо, фондҳо, махзанҳои маълумот ва дигар системаҳои иттилоотӣ);

-маҳсулоти иттилоотӣ - натиҷаи моддии фаъолияти иттилоотӣ, ки барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти иттилоотии шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ, корхонаю муассиса ва ташкилот пешбинӣ гардидааст;

-хизматрасонии иттилоотӣ - дар шакли муайяннамудаи **Қонунҳои мазкур** анҷом додани фаъолияти иттилоотӣ ҷиҳати расонидани маҳсулоти иттилоотӣ то **истифодабароадагон** бо мақсади қонеъгардонии эҳтиёҷоти иттилоотии онҳо;

-ҳуқуқи моликият ба иттилоот- муносибатҳои ҷамъиятии қонунан танзимшуда оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории иттилоот;

-молики захираҳои иттилоотӣ, системаҳои иттилоотӣ, технология ва воситаҳои таъмини онҳо - субъекте, ки объектҳои зикршударо соҳибӣ ва истифода намуда, ваколатҳои ихтиёрдории онҳоро дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ татбиқ менамояд;

-истифодабарандаи иттилоот - субъекте, ки ба системаи иттилоот ё ба миёнарав барои гирифтани маълумоти зарурӣ мурочиат мекунад. **(ҚҶТ аз 03.07.2012с., №848)**

Моддаи 2. Мақсад ва вазифаҳои Қонуну мазкур

Қонуни мазкур меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилоотро муқаррар менамояд, ҳуқуқи субъекти муносибатҳои иттилоотиро ба иттилоот дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин системаи иттилоот ва манбаҳои онро таҳким бахшида, мақоми иштирокчиёни муносибатҳои иттилоотиро муайян мекунад, дастрас намудани иттилоотро танзим ва ҳифзи онро таъмин, шахсият ва ҷомеаро аз иттилооти бардуруғ муҳофизат менамояд.

Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттилоот

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттилоот ба Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Моддаи 4. Принсипҳои асосии муносибатҳои иттилоотӣ

Принсипҳои асосии муносибатҳои иттилоотӣ аз инҳо иборатанд:

-ҳуқуқи кафолатнок ба иттилоот;

-ошкоро ва дастрас будани иттилоот ва мубодилаи озоди он;

-Ҳақонӣ ва саҳеҳ будани иттилоот;

-мукаммалӣ, саривақтӣ ва дақиқ, будани иттилоот;

-қонунӣ будани гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилоот.

Моддаи 5. Субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ

Субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ инҳо мебошанд:

-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-шахсони ҳуқуқӣ;

-давлат.

Мувофиқи Қонуни мазкур дигар давлатҳо, шаҳрвандони онҳо, шахсони ҳуқуқӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд низ метавонанд субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ бошанд.

Моддаи 6. Объектҳои муносибатҳои иттилоотӣ

Иттилооти ошкоршаванда дар бораи шахс, воқеаҳо ва падидаҳо дар соҳаи сиёсат, иқтисод, фарҳанг, илму техника, иҷтимоиёт, экология, соҳаҳои байналмилалӣ ва дигар соҳаҳо **объектҳои** муносибатҳои иттилоотӣ мебошанд.

Моддаи 7. Сиёсати давлатии иттилоотӣ

Сиёсати давлатии иттилоотӣ аз маҷмӯи самтҳои асосӣ ва усулҳои фаъолияти давлат ва дигар субъектҳо оид ба гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилоот иборат мебошад.

Самтҳо ва усулҳои асосии сиёсати давлатии иттилоотӣ аз инҳо иборатанд:

-ғамхории давлат ва дигар субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ дар бораи таъсиси саривақтӣ, фаъолияти зарурӣ ва рушди системаҳои иттилоотӣ, шабакаҳо, маҳзан ва манбаи маълумот дар тамоми самтҳои фаъолияти иттилоотӣ;

-таъмини ворид шудани саривақтии шаҳрвандон ба иттилоот;

-дар асоси ғайриинҳисорӣ таъсис додани система ва шабакаҳои миллии иттилоот;

-таҳкими асосҳои моддию техникӣ, молиявӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва илмии фаъолияти иттилоотӣ;

-таъмини истифодаи самарабахши иттилоот;

-мусоидат ба навсозӣ, ғанигардонии доимӣ ва ҳифзи захираҳои миллии иттилоотӣ;

-ташкили системаи ҳифзи иттилоот;

-мусоидат ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи иттилоот ва кафолат додани мустақилияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сиёсати давлатии иттилоотиро мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин идораҳои дахлдори иттилоотӣ таҳия ва татбиқ менамоянд.

Моддаи 8. Ҳуқуқ ба иттилоот

Субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ ба имконияти озодона гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани маълумоте, ки ҷиҳати татбиқи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунӣ, анҷом додани мақсад ва вазифаҳои онҳо заруранд, ҳуқуқ доранд.

Татбиқи ҳуқуқ, ба иттилоот аз ҷониби субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ набояд ҳуқуқҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, экологӣ ва дигар ҳуқуқҳо, озодӣ ва манфиатҳои қонунии дигар шаҳрвандон, ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро вайрон кунад ва ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар оварад.

Ба ҳар як шаҳрванд, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, озодона дастрас намудани иттилоот, ки шахсан ба ӯ дахл дорад, таъмин карда мешавад.

Моддаи 9. Кафолати ҳуқуқ ба иттилоот

Ҳуқуқ ба иттилоот чунин таъмин карда мешавад:

-бо баамалбарории тартиби татбиқи ҳуқуқ ба иттилоот;

-бо роҳи амалӣ намудани назорати давлатии риояи қонунгузорӣ оид ба иттилоот;

-муқаррар намудани масъулият барои вайрон кардани қонунгузорӣ оид ба иттилоот.

БОБИ 2. ФАЪОЛИЯТИ ИТТИЛООТӢ

Моддаи 10. Фаъолияти иттилоотӣ

Бо мақсади татбиқи қаноатбахши фаъолияти иттилоотӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти хадамоти иттилоотӣ системаҳо, шабакаҳо, манбаъ ва маҳзани маълумот таъсис медиҳанд.

Тартиби таъсис, сохтор, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Моддаи 11. Самтҳои асосии фаъолияти иттилоотӣ

Самтҳои асосии фаъолияти иттилоотӣ аз соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, экологӣ, илмию техникӣ, байналмилалӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ иборатанд.

Давлат, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, озодии фаъолияти иттилоотиро дар ин самтҳо ба ҳамаи **шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ** дар доираи ҳуқуқ ва озодӣ, вазифа ва салоҳияти онҳо кафолат медиҳад. **(ҚҶТ аз 03.07.2012с., №848)**

Моддаи 12. Шаклҳои асосии фаъолияти иттилоотӣ

Шаклҳои асосии фаъолияти иттилоотӣ инҳоянд:

- гирифтани иттилоот - ба даст овардан ва мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ намудани иттилоот дар бораи шахс, ашё, далелҳо, воқеаву падидаҳо ва ғайра, сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо;

- истифода намудани иттилоот - конеъгардонии эҳтиёҷоти иттилоотии давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- паҳн кардани иттилоот - интишор ва мубодилаи иттилоот тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳифз намудани иттилоот - таъмини ҳолати зарурии иттилоот, ифодакунандагони моддии он ва баҳисобгирии онҳо. (ҚҶТ аз 03.07.2012с., №848)

Моддаи 13. Маълумоти касбӣ дар соҳаи фаъолияти иттилоотӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани маълумоти касбӣ дар соҳаи фаъолияти иттилоотӣ тавассути системаҳои муассисаҳои таълимии он шароит фароҳам оварда мешавад.

Тартиби таъсиси муассисаҳои таълимии самти иттилоотӣ (рӯзноманигорӣ, омор, корҳои китобхонавӣ ва бойгонӣ, фаъолияти илмию иттилоотӣ, информатика, техникаи ҳисоббарор ва ғайра) ва принсипҳои фаъолияти онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян менамоянд.

Моддаи 14. Ташкили тадқиқоти илмӣ дар соҳаи фаъолияти иттилоотӣ

Барои таъмини фаъолияти самарабахш ва рушди системаҳои миллии иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти иттилоотӣ тадқиқоти ҷустуҷӯӣ, бунёдӣ ва амалии илмӣ анҷом дода мешавад.

Бо ин мақсад муассисаҳои илмӣ, сохторҳои илмию истеҳсолӣ, иттиҳодияҳо, ассотсиатсияҳо, марказҳои технологияи нави иттилоотӣ ва дигар воҳидҳо, аз ҷумла бо иштироки шарикони хориҷӣ, таъсис дода мешавад.

Маблағгузории тадқиқоти ҷустуҷӯӣ ва бунёдии илмӣ, барномаҳои илмӣ, лоиҳаҳои дорои аҳамияти давлатӣ дар муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва таълимӣ аз ҳисоби маблағгузориҳои буҷег, маблағҳои худӣ ва фармоишгарон анҷом дода мешавад.

Маблағгузории тадқиқоти амалӣ, коркардҳо чун қоида дар асоси шартнома ё қарордод анҷом дода шуда, натиҷаи онҳо метавонад мавзӯи муносибатҳои молӣ бошад.

БОБИ 3. НАМУДҲО, МАНБАЪҲОИ ИТТИЛООТ ВА НИЗОМИ ВОРИД ШУДАН БА ОН

Моддаи 15. Намудҳои иттилоот

Намудҳои асосии иттилоот иборат аз:

-иттилооти оморӣ;

-иттилооти оммавӣ;

-иттилооти фаъолияти мақомоти давлатӣ;

-иттилооти ҳуқуқӣ;

-иттилоот оид ба шахсият;

-иттиллооти дорои хусусияти маълумотию энсиклопедӣ;

-иттилооти иҷтимоишиносӣ, шиносоӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, экологӣ, хизматӣ, истеъмолӣ, бойгонӣ, илмӣ, илмӣ-техникӣ ва ғайра.

Моддаи 16. Иттилооти давлатии оморӣ

Иттилооти давлатии оморӣ бояд ба таври мунтазам ошкоро интишор гардад. Озодона ворид шудани шаҳрвандон, муассисаҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳои манфиатдор ба маълумоти омории интишорнашуда, ки таҳти маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор нагирифтаанд, таъмин карда мешавад.

Системаи иттилооти оморӣ, манбаъҳо ва низоми он тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ин соҳа муайян карда мешавад.

Моддаи 17. Иттилооти оммавӣ

Воситаҳои чопии ахбори омма ин матбуоти даврӣ, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, бюллетенҳо ва нашрияҳои яквақта бо нусхаҳои муайян ба шумор мераванд.

Воситаҳои электронии ахбори омма иборатанд аз радио, телевизион, кино, сабти овоз ва сабти видео.

Тартиби таъсис ва ташкили фаъолияти воситаҳои алоҳидаи ахбори омма тибқи санадҳои қонунгузорӣ оид ба ин воситаҳо муайян карда мешаванд.

Моддаи 18. Иттилооти фаъолияти мақомоти идораи давлатӣ

Иттилооти мақомоти фаъолияти идораи давлатӣ бо роҳҳои зерин ба маълумоти шахсони манфиатдор расонида мешаванд:

-интишори онҳо дар нашрияҳои расмӣ ё паҳн намудани онҳо аз ҷониби хадамоти иттилоотии мақомот ё ташкилотҳои дахлдори давлатӣ;

-интишори онҳо дар воситаҳои чопии ахбори омма ё эълони оммавӣ, аудиоӣ ва аудиовизуалии воситаҳои ахбори омма;

-бевосита расонидани онҳо ба маълумоти **шахсоне** манфиатдор (ба таври шифоҳӣ, хаттӣ ё тартиби дигар);

-фароҳам овардани имконияти шиносоӣ бо маводи бойгонӣ, ҳисобот, санадҳои натиҷаҳои санҷиш ва ғайра;

-ошкор намудани онҳо тавассути маърӯзаҳои оммавии шахсони мансабдор.

Манбаъҳо ва тартиби гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилооти расмии мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимият тибқи асноди қонунгузорӣ ба ин мақомот муайян карда мешавад.

Моддаи 19. Иттилооти ҳуқуқӣ

Манбаъҳои иттилооти ҳуқуқӣ Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, иттилооти воситаҳои ахбори омма, маърӯзаҳои оммавӣ, дигар манбаъҳои иттилоот оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мебошанд.

Бо мақсади таъмини шаҳрвандон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ давлат интишори расмии онҳоро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «**Дар бораи санадҳои меъёрииҳуқуқӣ**» ба танзим медарорад.

Моддаи 20. Иттилоот оид ба шахсият

Маълумоти асосӣ ба шахсият (маълумоти инфиродӣ) иборат аст аз: миллат, маълумот, вазъи оилавӣ, вазъи моддӣ, мансубият ба дин, вазъи саломатӣ, инчунин суроғa, сана ва маҳалли таваллуд.

Манбаъҳои иттилооти ҳуҷҷатӣ оид ба шахсият санадҳои ба номи ӯ додашуда, санадҳои аз ҷониби ӯ имзогардида, инчунин маълумот оид ба шахсият ба ҳисоб мераванд, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳалли ҷамъ овардаанд.

Ҷамъоварӣ, ҳифз, истифода ва паҳн намудани иттилоот оид ба ҳаёти шахсӣ, ҳамчунин иттилооте, ки сирри шахсӣ ва оилавӣ, махфияти гуфтушуниди телефонӣ, муросилоти почта, телеграф ва дигар маълумоти оид ба шахсиятро бидуни розигии ӯ ошкор месозад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст. Ҳар як шахс ҳуқуқ дорад бо иттилооти доир ба ӯ ҷамъовардашуда шинос шавад.

Иттилоот оид ба шахсият ба гурӯҳи иттилооти пинҳонӣ марбут буда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад.

Моддаи 21. Иттилооти дорои хусусияти маълумотию энсиклопедӣ

Манбаъҳои асосии ин иттилоот энсиклопедия, луғатҳо, маълумотномаҳо, иттилооти рекламавӣ, эълонҳо, роҳнамоҳо, маводи картографӣ, инчунин маълумотномаҳое ба ҳисоб мераванд, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё маҳаллии ба он ваколатдор ва иттиҳодияҳои ҷамъятии шаҳрвандон, ташкилот, муассисаҳои бойгонӣ ва кормандони онҳо, инчунин системаҳои автоматикунонидашудаи иттилоотӣ дода мешаванд.

Системаи ин иттилоот, ворид шудан ба он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Моддаи 22. Иттилооти иҷтимоишиносӣ

Манбаъҳои асосии иттилооти иҷтимоишиносӣ маълумоти ҳуҷҷатӣ ё ба таври оммавӣ эълоншудае ба ҳисоб мераванд, ки дар онҳо натиҷаҳои пурсиши иҷтимоӣ, мушоҳидаҳо ва дигар тадқиқотҳои иҷтимоӣ инъикос ёфтаанд.

Тадқиқотҳои иҷтимоишиносӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон, ки тибқи тартиби муқаррраргардида ба қайд гирифта шудаанд, сурат мегиранд.

Моддаи 23. Манбаъҳои иттилоот

Манбаъҳои иттилоот аз ифодакунандаҳои моддии қайдшудаи иттилоот бо **маълумотҳои (реквизитҳо**), ки ба ҳаммонандкунии он имкон медиҳанд, инчунин аз хабарҳои воситаҳои ахбори омма ва маърӯзаҳои оммавӣ иборат мебошанд.

Моддаи 24. Низоми ворид шудан ба иттилоот

Низоми ворид шудан ба иттилоот ин тартиби гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилоот мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ намудаанд.

Иттилоот аз рӯи воридшавӣ ба иттилооти ошкоро ва иттилооти воридшавии маҳдуд ҷудо карда мешавад.

Давлат низоми воридшавӣ ба иттилоотро назорат мекунад.

Вазифаи назорати низоми воридшавӣ ба иттилоот аз таъмини риояи талаботи қонунҳо дар бораи иттилот аз ҷониби ҳамаи мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва.ташкилотҳо, роҳ надодан ба беасос мансуб донистани маълумот ба гурӯҳи иттилооти воридшавии маҳдуд иборат мебошад.

Назорати давлатии риояи низоми муқаррарнамуда аз ҷониби мақомоти махсусе, ки онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, сурат мегирад.

Моддаи 25. Воридшавӣ ба иттилооти ошкоро

Воридшавӣ ба иттилооти ошкоро бо роҳҳои зерин таъмин карда мешавад:

-нашри мунтазами он дар нашрияҳои расмӣ (бюллетенҳо, маҷмӯаҳо);

-паҳн намудани он тавассути ахбори омма;

-бевосита додани он ба шаҳрвандони манфиатдор, мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқӣ.

Тартиб ва шартҳои мувофиқи дархост ба шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва намояндагони аҳли ҷомеъа додани маълумот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Маҳдуд сохтани ҳуқуқ барои гирифтани иттилооти ошкоро манъ аст. Аз ҳуқуқи гирифтани иттилоот он шаҳрвандоне истифода мебаранд, ки чунин иттилоот барои иҷрои ӯҳдадориҳои касбиашон зарур аст.

Моддаи 26. Иттилооти дастрасиаш маҳдуд

Иттилооти дастрасиаш маҳдуд тибқи низоми ҳуқуқӣ ба пинҳонӣ ва махфӣ ҷудо карда мешавад.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дорои иттилооти пинҳонии касбӣ, корӣ, истеҳсолӣ, бонкӣ, тиҷоратӣ ва хусусияти дигар дошта мебошанд, онҳоро тавассути маблағҳои худӣ ба даст оварданд ё натиҷаи амали касбӣ, корӣ, истеҳсолӣ, бонкӣ, тиҷоратӣ ё дигар манфиатҳои онҳо буда, сирри мувофиқи қонун пешбининамударо вайрон накарда, низоми дастрасӣ ва ҳифзи онро муайян мекунанд.

Мансуб донистани иттилоот ба гурӯҳи маълумоти махфии дорои сирри давлатӣ ва дастрасии шаҳрвандон ба онҳо мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» сурат мегирад.

Тартиби муносибат бо иттилооти махфӣ ва ҳифзи он аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ бо шарти риояи талаботи муқаррарнамудаи ҳамин Қонун муайян карда мешавад.

Тартиб ва мӯҳлати ошкор намудани иттилооти махфӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Моддаи 27. Дастрасии шаҳрвандон ба маълумот дар бораи худ

Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд:

-дар давраи ҷамъоварии иттилоот донанд, ки кадом маълумот, аз тарафи кӣ дар бораи онҳо ва бо кадом мақсад ҷамъ гардид, чӣ тавр, кай ва бо кадом мақсад мавриди истифода қарор мегирад;

-иттилооти мансуб ба худро дастрас намоянд, бо он шинос шаванд, пуррагӣ ва мувофиқии онро талаб намоянд.

Мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳаллҳо (ҳукуматҳо), муассисаҳои бойгонӣ, ки системаи иттилоотии онҳо маълумотро оид ба шаҳрвандон дар бар мегирад, вазифадоранд бо талаби **шахсоне**, ки ин иттилоот ба онҳо дахл дорад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст, бидуни монеа онро пешниҳод намоянд, инчунин ҷиҳати пешгирии ғайриқонунии ба даст овардани он тадбирҳо андешанд. Дар сурати вайрон кардани ин талабот, қонун ҳифзи шаҳрвандонро аз зарари вобаста ба истифодаи чунин иттилоот расониданшуда кафолат медиҳад.

Дастрасии шахсони бегона ба маълумоти оид ба дигар шахсе, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷорӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони мансабдор ҷамъоварӣ шудааст, дар мавриди набудани розигии шахсе, ки нисбат ба ӯ чунин маълумот ҷамъоварӣ гардидааст ва агар ӯ дар қайди ҳаёт набошад, бидуни розигии ворисони ӯ манъ аст. Дар мавриди набудани ворисон дастрасӣ ба чунин иттилоот бо иҷозати мақомоти давлатӣ, ташкилот ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ки молики иттилоот мебошанд, иҷозат дода мешавад.

Ҳамаи ташкилотҳое, ки оид ба шаҳрвандон маълумот ҷамъоварӣ менамоянд, бояд то оғози кор бо онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирии давлатии манбаъҳои дахлдори маълумотро анҷом диҳанд.

Теъдоди зарурии маълумот оид ба шаҳрвандон, ки онро метавон бо роҳи қонунӣ ба даст овард, бояд то ҳадди ақал маҳдуд карда шавад ва танҳо бо мақсадҳои қонунан муқарраргардида мавриди истифода кунад.

Ради додани иҷозат дар бораи дастрасӣ ба чунин иттилоот, пинҳон кардани он, ҷамъоварии ғайриқонунӣ, истифода, ҳифз ё ғайриқонунӣ паҳн намудани он метавонад ба суд шикоят кунад.

Моддаи 28. Дархосг дар хусуси дастрасӣ ба санадҳои расмӣ ва додани иттилооти хаттӣ ё шифоҳӣ

Таҳти мафҳуми дархости иттилоотӣ (минбаъд дархост) дар хусуси дастрасӣ ба санадҳои расмӣ дар Қонуни мазкур муроҷиат бо талаботи фароҳам овардани имконияти шиносшавӣ бо санадҳои расмӣ дар назар дошта шудааст. Дархост метавонад инфиродӣ ё умумӣ бошад. Он дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешавад.

Шаҳрванд ҳуқуқ дорад ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намуда, пешниҳоди ҳамагуна санади расмиро, сарфи назар аз мансубияти ин ҳуҷҷат ба ӯ талаб намояд, ба истиснои ҳолатҳои маҳдудияти дастрасӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Таҳти мафҳуми фароҳам овардани иттилооти хаттӣ ё шифоҳӣ дар Қонуни мазкур муроҷиат ба талаби фароҳам овардани иттилооти хаттӣ ё шифоҳи оид ба фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони мансабдори он оид ба масъалаҳои алоҳида дар назар дошта шудааст.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, ташкилот ва иттиҳодияҳои шаҳрвандон (минбаъд - дархосткунанда) ба мақоми дахлдори қонунгузорӣ, иҷроия, ҳокимияти судӣ ва бойгонӣ, шахсони мансабдори онҳо дархост пешниҳод менамоянд.

Дар дархост насаб, ном, номи падари дархосткунанда, ҳуҷҷат, маълумоти хаттӣ ё шифоҳие, ки ба ӯ зарур аст ва нишонии худ, ки ҷавобро мехоҳад ба даст орад, бояд зикр гардад.

Мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони мансабдори онҳо вазифадоранд оид ба иттилооти марбут ба фаъолияти онҳо ба таври хаттӣ, шифоҳи, тавассути телефон ё бо истифодаи маърӯзаҳои оммавии шахсони мансабдори худ иттилоот пешниҳод намоянд.

Моддаи 29. Мӯҳлати баррасии дархост дар бораи дастрасӣ ба асноди расмӣ

Мӯҳлати баррасии дархост вобаста ба имконияти қонеъ намудани он набояд аз сӣ рӯзи тақвимӣ бештар бошад.

Дар мӯҳлати дар қисми якуми моддаи мазкур нишондодашуда муассисаи давлатӣ ба дархосткунанда оид ба ҷавоби дархости ӯ ба таври хаттӣ маълумот пешниҳод менамояд. (ҚҶТ аз 03.07.2012с., №848)

Моддаи 30. Рад ва ба таъхир гузоштани қонеъгардонии дархост дар хусуси дастрасӣ ба асноди расмӣ

Радди қонеъгардонии дархост ба маълумоти дархосткунанда дар шакли хаттӣ бо тавзеҳи тартиби шикоят намудан аз қарори қабулгардида расонида мешавад. Дар раддия бояд инҳо зикр гарданд:

1) шахси мансабдори муассисаи давлатие, ки қонеъгардонии дархостро рад намудааст;

2) санаи раддия;

3) асосноккунии раддия.

Ба таъхир андохтани қонеъгардонии дархост дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки агар санади дархостшавандаро дар мӯҳлати як моҳ барои ба шиносоӣ пешниҳод намудан имконнопазир бошад. Огоҳонӣ дар мавриди ба таъхир гузоштани дархост ба маълумоти дархосткунанда дар шакли хатти ба тавзеҳи тартиби шикоят намудан аз қарори қабулгардида расонида мешавад. Дар ахбор дар хусуси ба таъхир андохтани иҷрои дархост ин ҳолатҳо бояд зикр гарданд:

1) шахси мансабдори муассисаи давлатие, ки қонеъгардонии дархостро дар мӯҳлати як моҳи муқарраргардида рад намудааст;

2) санаи ирсол ё додани ахбор дар бораи ба таъхир гузошгани дархост;

3) сабабҳое, ки вобаста ба он санади дархостшавандаро наметавон дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Қонун дод;

4) мӯҳлате, ки дархост қонеъ гардонида хоҳад шуд. Раддия ё батаъхиргузории қонеъгардонии дархост оид ба додани иттилооти хаттӣ низ ба ҳамин тартиб сурат мегирад.

Моддаи 31. Норизоӣ аз рад ё батаъхиргузории қонеъгардонии дархост оид ба дастрасӣ ба асноди расмӣ

Дар сурати рад намудани дархости ҳуҷҷат барои шиносшавӣ ё батаъхиргузории қонеъгардонии дархост дархосткунанда ҳуқуқ дорад нисбат ба раддия ё батаъхиргузорӣ ба мақомоти болоӣ ё суд шикоят кунад.

Агар ба шикояти ба мақомоти болоӣ додашуда ҷавоби манфӣ ирсол гардад, дархосткунанда ҳуқуқ дорад нисбати ин раддия бо тартиби суди шикоят намояд.

Суд ҳуқуқ дорад барои таъмини пуррагӣ ва объективии баррасии парванда санадҳои расмиеро, ки имконияти шиносшавӣ бо онҳо рад шуда буд, талаб кунад ва пас аз омухтани онҳо дар мавриди асоснокии (ё беасосии) амали шахсони мансабдори муассисаи давлатӣ қарор қабул намояд.

Агар рад ё батаъхиргузорӣ беасос бошад, суд муассисаи давлатиро вазифадор менамояд, ки ба дархосткунанда имконияти шиносоӣ бо санадҳои расмиро фароҳам оварад ва нисбат ба шахсони мансабдоре, ки ба дархосткунанда ҷавоби рад додаанд, таъиноти хусусӣ барорад.

Радди беасос оид ба фароҳам овардани имконияти шиносоӣ бо санадҳои расмӣ ё вайрон кардани мӯҳлати муайяни фароҳам овардани он бидуни сабабҳои узрнок тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарии шахсони мансабдори муассисаҳои давлатӣ мегардад. **(ҚҶТ аз 03.07.2012с., №848)**

Шикоят нисбат ба рад ё батаъхиргузории қонеъгардонии дархост дар хусуси иттилооти хаттӣ бо тартиби дар ҳамин модда зикршуда сурат мегирад.

Моддаи 32. Тартиби ҷуброни хароҷот оид ба қонеъгардонии дархостҳои вобаста ба дастрасӣ ба асноди расмӣ ва пешниҳоди иттилооти хаттӣ

Дархосткунанда бояд пурра ё қисман хароҷоти вобаста ба иҷрои дархостҳо оид ба дастрасӣ ба асноди расмӣ ва пешниҳоди иттилооти хаттиро ҷуброн намояд.

Тартиби пардохти нусхаи асноди дархостшаванда аз ҷониби муассисаи давлатӣ муайян карда мешавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб ва андози пардохти корҳоро вобаста ба ҷамъоварӣ, ҷустуҷӯ, таҳия, таъсис ё пешниҳод намудани иттилооти хаттии дархостшаванда, ки набояд аз хароҷоти воқеии вобаста ба иҷрои дархост бештар бошад, муайян мекунад.

Корҳои оид ба ҷустуҷӯи асноди расмӣ пардохта намешаванд.

Моддаи 33. Ҳуҷҷатҳо ва иттилооте, ки тибқи дархост барои шиносшавӣ дода намешаванд

Аз рӯи дархости иттилооти санадҳои расмии дорои мазмуни зайл мавриди пешниҳод барои шиносшавӣ қарор намегиранд:

-иттилооте, ки тибқи тартиби муқарраргардида дорои сирри давлатӣ эътироф гардидааст;

-иттилооти пинҳонӣ;

-иттилоот дар бораи корҳои фаврию тафтишотии мақомоти таҳқиқ ва суд дар ҳолатҳое, ки ошкор намудани онҳо метавонанд ба чорабиниҳои фаврӣ, таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ зарар расонад, ҳуқуқи инсон барои баррасии одилона ва объективии парвандаи судии ӯ вайрон гардад, ба ҳаёт ва саломатии ягон шахс таҳдид ба миён оварад;

-иттилооти марбут ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон;

-ҳуҷҷатҳое, ки муросилоти хизмати дохилиидоравиро ташкил медиҳанд (маълумотномаҳо, муросилоти байни воҳидҳои сохторӣ ва ғайра), агар онҳо бо коркарди самти фаъолияти муассиса, ҷараёни қабули қарорҳо алоқаманд буда, барои қабули онҳо замина гардидаанд;

-иттилооте, ки тибқи дигар қонунҳо ё санадҳои меъёрӣ набояд ошкор карда шавад. Муассисае, ки ба он дархост пешниҳод шудааст, метавонад ҳуҷҷати дорои иттилоотеро, ки дар асоси санади меъёрии дигар муассисаи давлатӣ бояд ошкор карда нашавад, барои шиносшавӣ пешниҳод накунад ва он муассисаи давлатие, ки дархостро баррасӣ менамояд, ҳуқуқ надорад масъалаи ошкор намудани онро арзёбӣ кунад;

-иттилооти муассисаҳои молиявӣ, ки барои идораҳои тафтишу молиявӣ таҳия гардидаанд.

Моддаи 34. Ҳуқуқи моликият ба иттилоот

Иттилоот объекти ҳуқуқи моликияти давлат, **шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ** мебошад. Иттилоот метавонад ҳам дар ҳаҷми пурра ва ҳам танҳо вобаста ба соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ объекти ҳуқуқи моликият бошад.

Асосҳои ба миён омадани моликият ба иттилоот аз инҳо иборатанд:

-ташаккули иттилоот бо қувваи худ ва аз ҳисоби худ;

-шартнома дар бораи ба даст овардани иттилоот;

-шартномае, ки шартҳои ба дигар шахс гузаштани ҳуқуқи моликият ба иттилоотро дар бар мегирад.

Иттилооте, ки аз ҷониби якчанд шаҳрванд ё шахсони ҳуқуқи таъсис шудааст, моликияти умумии муассисон мебошад. Тартиб ва қоидаҳои истифодаи чунин моликият мувофиқи шартномаи байни моликон басташуда муайян карда мешавад.

Иттилооте, ки аз ҷониби ташкилотҳо (шахсони ҳуқуқӣ) таъсис шудааст, ё бо роҳи дигари қонунӣ ба даст дароварда шудааст, моликияти ин ташкилотҳо мебошад.

Иттилооте, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ҳосил шудааст, моликияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Иттилооте, ки дар асоси ҳуқуқи моликияти инфиродӣ ҳосил шудааст, дар ҳолати дар асосҳои шартномавӣ барои нигоҳдорӣ супурдани он ба махзанҳои дахлдори маълумот, фондҳо ва бойгониҳо метавонад ба моликияти давлатӣ мансуб дониста шавад.

Молики иттилоот ҳуқуқ дорад шахси амалкунандаи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории иттилоотро таъйин намуда, қоидаи коркарди иттилоот ва дастрасӣ ба онро муайян карда, инчунин дигар шартҳоро нисбат ба иттилоот муқаррар намояд.

Моддаи 35. Иттилоот ҳамчуи мол

Маҳсулоти иттилоотӣ ва хизматрасонии иттилоотии **шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ**, ки ба фаъолияти иттилоотӣ машғуланд, метавонад объекти муносибатҳои молӣ гардад, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд. **(ҚҶТ аз 03.07.2012с., №848)**

Нарх ва нархгузорӣ ба маҳсулоти иттилоотӣ ва хизматрасонии иттилоотӣ, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, тибқи шартнома муқаррар карда мешавад.

БОБИ 4. ҲИФЗИ ҲУҚУҚ БА ИТТИЛООТ, РОҲ НАДОДАН БА СУИИСТИФОДА АЗ ҲУҚУҚ БА ИТТИЛООТ

Моддаи 36. Ҳифзи ҳуқуқ ба иттилоот

Ҳуқуқ ба иттилоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад. Давлат ба ҳама иштироккунандагони муносибатҳои иттилоотӣ ҳуқуқҳои баробар ва имконияти баробар барои дастрасӣ ба иттилоот кафолат медиҳад.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ба истиснои ҳолатҳои **пешбининамудаи моддаи 33 Қонун мазкур** ҳуқуқи шахсро дар интихоби шакл ва манбаи гирифтани иттилоот маҳдуд созад. **(ҚҶТ аз 03.07.2012с., №848)**

Субъекти ҳуқуқ ба иттилоот метавонад рафъи ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳои нисбат ба ӯ рухдодаро талаб намояд.

Мусодираи нашрияҳо, нигораҳо, махзанҳои иттилоотӣ, ҳуҷҷатҳои фондҳои бойгонӣ, китобхонаҳо, осорхонаҳо ва несту нобуд кардани онҳо дар заминаи мавқеи идеологӣ ва сиёсӣ манъ аст.

Моддаи 37. Роҳ надодан ба суиистифода аз ҳуқуқ ба иттилоот

Истифодаи иттилоот ба муқобили асосҳои сохти конституцсионӣ ва амнияти давлат, ба муқобили амнияти иттилоотӣ, барои барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгаронӣ, динӣ, забонӣ, ҷанг, зулму зӯроворӣ, фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ, хусумати иҷтимоӣ, таҷовуз ба шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таблиғи фаҳшу фуруҷ (порнаграфия) манъ аст. (ҚҶТ аз 03.07.2012с., №848)

Моддаи 38. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки муқаррароти Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, мутобиқи санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Шахсон дар ҳолатҳои зерин барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар бораи иттилоот ҷавобгар мебошанд:

беасос рад намудани пешниҳоди иттилоотӣ дахлдор;

пешниҳод намудани иттилооте, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекунад;

сари вақт пешниҳод накардани иттилоот;

дидаю дониста пинҳон доштани иттилоот;

маҷбурсозӣ ба паҳн намудан ё муқобилат ба паҳн намудан, ё радди беасоси паҳн намудани иттилооти дахлдор;

паҳн намудани иттилооте, ки ба ҳақиқат мувофиқ набуда, обрую эътибори шахсро паст мезанад;

истифода ва паҳн намудани иттилоот оид ба ҳаёти шахсии шаҳрванд, бидуни розигии ӯ аз ҷониби шахсе, ки вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои хизматии шахсӣ молики иттилооти дахлдор мебошад;

ошкор намудани сирри давлатӣ ё дигар сирри қонунан ҳифзшаванда аз ҷониби шахсе, ки бояд ин сирро ҳифз намояд;

вайрон кардани тартиби нигоҳ доштани иттилоот;

дидаю дониста несту нобуд кардани иттилоот, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун;

беасос ба гурӯҳи маълумотӣ воридшавии маҳдуд марбут донистани навъҳои алоҳидаи иттилоот.

Шикоят аз рӯи амали ғайриқонунии шахсони мансабдор ба мақомоти сатҳи болоие, ки ин шахсони мансабдор ба он тобеанд, пешниҳод карда мешавад.

Дар сурати ба шаҳрванд, шахси ҳуқуқӣ ва ба мақомоти давлатӣ расонидани зарари моддӣ ва маънавӣ ва дар ҳолати қонеъ нагардонидани шикояте, ки ба мақоми болоӣ кардааст, шаҳрванд ва шахси ҳуқуқӣ ҳақ дорад нисбат ба амали ғайриқонунии шахси гунаҳкор ба суд шикоят кунад.

БОБИ 5. ФАЪОЛИЯТИ ИТТИЛООТИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ, ҲАМКОРӢ БО ДИГАР ДАВЛАТҲО, ТАШКИЛОТҲОИ ХОРИҶӢ ВА Б АЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ИТТИЛООТ

Моддаи 39. Фаъолияти иттилоотии байналмилалӣ

Фаъолияти иттилоотии байналмилалӣ аз таъмини **шахсонӣ воқеӣ ва ҳуқуқӣ** бо иттилооти расмӣ ё ба таври оммавӣ эълонгардида оид ба фаъолияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеа ва падидаҳое, ки дар дигар кишварҳо рух медиҳанд, инчунин мақсаднок берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн намудани иттилооти ҳамаҷониба дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои шаҳрвандон, воситаҳои ахбори омма ва шаҳрвандон иборат мебошад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои озодона ва бемамониат ба даст овардани иттилоот тавассути манбаъҳои хориҷӣ, аз ҷумла пахши мустақими телевизион, радио, матбуот ва системаҳои иттилоотӣ ҳуқуқ доранд.

Вазъи ҳуқуқӣ ва фаъолияти касбии хабарнигорони хориҷии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсияшуда ва дигар намояндагони воситаҳои ахбори омма хориҷӣ, инчунин фаъолияти иттилоотии намояндагони дипломатмӣ, консулгарӣ ва дигар намояндагони расмии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, танзим могардад.

Таъсис ва фаъолияти ташкилотҳои муштарак дар соҳаи иттилоот бо иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, танзим мегардад.

Моддаи 40. Ҳамкории байналмилалӣ

Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи иттилоот оид ба масъалаҳои дорои манфиати муштарак дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **шахсони** ҳуқуқии машғул ба фаъолияти иттилоотӣ ба имзо расонидаанд, сурат мегирад.

Моддаи 41. Воридот ва содироти маҳсулоти (хизматрасонии) иттилоотӣ

Воридот ва содироти маҳсулоти (хизматраеонии) иттилооти тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти иқтисодии хоричӣ анҷом дода мешавад.

Моддаи 42. Мустақилияти иттилоотӣ

Асоси мустақилияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқӣ моликият ба захираҳои миллии иттилоотӣ мебошад.

Ба захираҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми иттилооти марбутаи он, сарфи назар аз мазмун, шакл, вақт ва макони ташаккул, дохил мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави худ захираҳои иттилоотиро мустақилона ташаккул дода, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ, онро озодона ихтиёрдорӣ менамояд.

Моддаи 43. Кафолатҳои истиқлоли иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Истиқлоли иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъмин мегардад:

бо ҳуқуқи мустаснои моликии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба захираҳои иттилоотие, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлат ташаккул меёбанд;

бо ҳифзи системаҳои миллии иттилоотӣ;

бо муқаррар кардани низоми дастрасии дигар давлатҳо ба захираҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

бо истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар асоси ҳамкориҳои баробарҳуқуқ бо дигар давлатҳо.

Моддаи 44. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмиаш мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон **Э. РАҲМОНОВ**
ш. Душанбе 10 майи соли 2002
№ 55